“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
_____________Ибодуллозода А. И.
«___»_______________ 2025

# ХУЛОСАИ

# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи **«Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти № 2/5.2 (д) аз 30 сентябри соли 2022 тасдиқ гардида, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики донишгоҳи номбурда иҷро гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз 26 - уми июни соли 2025 таҳти протоколи № 11 муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Ташрифзода Фозил Қурбон ҳамчун унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва дотсенти кафедраи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои рақамии Академияи милитсияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекард. Имтиҳонҳои номзадиро ро пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ супоридааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих мудири кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ мебошад.

Диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «**Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)**» дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи томики ДДОТ ба номи С. Айнӣ баррасӣ гардида, дар муҳокимаи он аъзоёни кафедраҳо: докторони илмҳои таърих, профессор Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович, номзадони илмҳои таърих, дотсентон Н. Давлатбеков, М. Шарофова, Ғ. Гадоев, М. Шарипов, С. П. Сайнаков, М. Ганҷакова, Ҳ. Дарвозиева, Ё. Исмоилов, С. Ғуломшоев, Р. Давлатшоев, Д. Раҳимзода, М. Мирзоев Т. Наҷмуддинов, Ш. Ҷонмуродов ва унвонҷӯёну омӯзгорони кафедра, инчунин ходимони илмии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ н.и.т., дотсентон Икромиддин Неъматов ва Муртазо Акрамов иштирок доштанд.

***Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаи навбатӣ қабул карда шуд:***

Диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар таърихнигории тоҷик нахустин таҳқиқоти муфассал доир ба «**Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)**» ба шумор рафта, мавзуъ аз ҷониби муаллиф бо фарогирии сарчашмаҳо, маводҳои бойгонии ҷумҳурӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии худи диссертант ва таҳқиқоти олимони намоёни соҳаи илми таърих мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои илмӣ пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон хулосаҳои зерин пешниҳод шуданд:

**Мубрамии мавзуъ** аз он иборат аст, ки солҳои Истиқлолияти давлатӣ нақши мақомоти милитсияи тоҷик дар барқарор намудани сохти конститутсионӣ, ваҳдати миллӣ, таъмини амнияту суботи ҷамъиятӣ ва волояти қонун хеле назаррас аст. Бинобар ин, давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар ин самт диққати махсус равона менамоянд. Дар шароити муосир муассисаҳои таълимӣ, марказҳои таълимӣ-методӣ, марказҳои илмӣ-тадқиқотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омодасозӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони МКД машғул мебошанд.

Мутаассифона, то ҳол доир ба мавзуи фавқузикр таҳқиқоти алоҳидаи илмӣ (диссертатсионӣ) анҷом дода нашудааст. Ҳатто, дар ин мавзуъ монографияи алоҳидаи илмӣ, ки таърихи фаъолият ва рушду инкишофи муассисаҳои таълимии МКД фарогир бошад, таълиф нагардидааст. Хусусияти хоси дигари мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки мавзуъ ба талабот ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир мутобиқ ва таҳқиқ гардидааст.

**Мақсад ва ҳадафи таҳқиқот.** Мақсад ва ҳадафи таҳқиқоти илмӣ - ин омӯзиши таърихи таъсисёбӣ ва рушди муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2024 маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, мавзуи мазкур бори аввал дар илми таърихи ватанӣ дар шакли рисолаи номзадӣ пешниҳод мегардад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот ин ба таври маҷмуӣ омӯзиши масъалаи пайдоиш ва ташаккули муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ (1991-2024) маҳсуб ёфта, дар доираи таъсири он қисмати таърихи илму фарҳанги ватанӣ ғанӣ гашта, барои омӯзиш ва баррасии таърихи халқи тоҷик дар замони Истиқлолияти давлатӣ дорои аҳамияти васеи илмӣ ва таърихӣ мебошад.

Бори аввал аз ҷониби муҳаққиқ тамоми маҷмуи манобеи таърихӣ нисбат ба омодасозии кадрҳои МКД аз марҳилаи пошхурии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқрори сулҳ ба низом даровардa шуда, комёбӣ ва норасоии кадрҳо дар низоми МКД, боло бурдани сифати таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва баррасии васеи илмӣ қарор гирифтааст, ки то имрӯз аз ҷониби олимони ватанӣ ба таври алоҳида ва пурра таҳқиқ нагардидааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотӣ аз масъалагузориҳои мубрами имкониятҳои пешниҳоди мулоҳизаҳои муаллиф нисбат ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар бахши инкишофи маориф ва илми ҷумҳурӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ, инчунин такмил ва таҳқиқи объективонаи таърихи МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Таҳқиқот аз лиҳози назариявӣ душвориҳо ва нопурагии таърихи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз байн бурда, ҳамчун тадқиқоти маҷмуӣ (комплексӣ) дар ин самт бори аввал дар таърихнигории миллӣ пешниҳод мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Аз рӯйи мазмун ва мундариҷаи худ диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02. – Таърихи ватанӣ) мутобиқат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро** маълумотҳои дақиқ, маводи бойгонӣ, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоиса, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ таъмин менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст. Ҳамзамон, тартиб додани нақша ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, саҳми шахсии муаллифро инъикос менамоянд. Ҳамаи натиҷаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда шахсан аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм дар ҷумҳурӣ.** Мавзуи диссертатсия ба сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илм ва самтҳои афзалиятноки рушди илм дар ҷумҳурӣ пурра алоқамандӣ дорад.

**Мавҷудияти санади тадбиқи натиҷаҳои илмӣ ё имконияти тадбиқи онҳо.** Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар омӯзиши ва инкишоф додани фаъолияти муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбиқ карда мешаванд.

**Натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаи муҳими диссертатсия дар он аст, ки бори нахуст масъалаи мазкур дар асоси факту далелҳо пурра ва дақиқ таҳлил гардида, дар сурати ҳамин таҳқиқот шакли мукаммалу мушаххасро пайдо кардааст. Диссертатсияи Ташрифзода Фозил сохтори муназзам, пайдарҳам ва мантиқӣ дошта, бо навгониҳо ва хулосаҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Диссертатсия кори мустақилона анҷомдодаи муаллиф ҳисобида мешавад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 15 мақолаи зерини нашрнамудаи унвонҷӯй, ки аз онҳо 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, инъикос ёфтааст.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Асламов Б.С., Ташрифзода Ф.Қ. Таъсис ва инкишофи низоми таълим ва тайёр намудани кадрҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ / Б.С. Асламов, Ф.Қ. Ташрифзода // Паёми Донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих). – Душанбе, 2022. №4(48). – С.241-247.

2. Ташрифзода Ф.Қ., Асламов Б.С. Ташаккули фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар солҳои истиқлолияти давлатӣ / Ф.Қ. Ташрифзода, Б.С. Асламов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. №3(98). - С. 357-362.

3. Асламов Б.С., Ташрифзода Ф.К. Обеспечение наиональной безопасности Таджикистана: геополитический взгляд / Б.С. Асламов Ф.К. Ташрифзода // Маҷаллаи илмии мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. №2(4). – С. 45-55.

4. Асламов Б.С., Ташрифзода Ф.К. Таъмини амнияти миллии Тоҷикистон: назари геополитики ба он / Б.С. Асламов, Ф.К. Ташрифзода// Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – Душанбе, 2023, №4(4). – С.69-79.

5. Хусаинов А.К., Ташрифзода Ф.К. Создание и развитие системы обучения и подготовки кадров в органах внутренних дел / А.К. Хусаинов, Ф.К. Ташрифзода // Вестник Таджикского национального университет. – Душанбе, 2024. №11. - С. 66-73.

6. Ташрифзода Ф.Қ., Расулзод Л.Х. таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидҳои навини олам / Ф.Қ. Ташрифзода, Л.Х. Расулзод // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. – Душанбе, 2024. №4. – С. 287-291.

7. Ташрифзода Ф.Қ. Хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ-илмӣ ва таҳқиқотии муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.Қ. Ташрифзода // Паёми Донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих). – Душанбе, 2025. №2(58). – С.379-384.

8. Ташрифзода Ф.Қ. Ташаккулёбии муассисаҳои таълимӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.Қ. Ташрифзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. №3(116). – С.302-308.

9. Расулзод Л.Х., Ташрифзода Ф.Қ. Ҷангҳои иттилоотӣ дар меҳвари сиёсати абарқудратҳо / Ф.Қ. Ташрифзода, Л.Х. Расулзод // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. – Душанбе, 2025. №4. – С. 273-280.

**Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табъ расида:**

10. Асламов Б.С., Ҳалимзода Д.О., Ташрифзода Ф.Қ. Давлати Сосониён: баъзе ҷанбаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии он / Б.С. Асламов, Д.О. Ҳалимзода, Ф.Қ. Ташрифзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ» бахшида ба 1800-солагии таъсисёбии давлати Сосониён. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 26 апрели соли 2024. – С. 206-207.

11. Асламов Б.С., Ташрифзода Ф.Қ. Ташаккули мактаби сиёсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон / Б.С. Асламов, Ф.Қ. Ташрифзода // маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солгаии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 ноябри соли 2022. – С. 179-183.

12. Асламов Б.С., Ташрифзода Ф.Қ. Аҳамияти умумиинсонии афкори фалсафии Абурайҳони Берунӣ / Б.С. Асламов, Ф.Қ. Ташрифзода // маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Берунӣ алломаи машриқзамин» ДДОТ ба номи С.Айнӣ бахшида ба 1050-солгаии А. Берунӣ, 20 майи соли 2023. – С. 185-189.

13. Асламов Б.С., Ташрифзода Ф.Қ. Терроризм ва экстремизм: зуҳурот ва хатари он ба инсонӣ / Б.С. Асламов, Ф.Қ. Ташрифзода // маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣӣ дар мавзуи «Ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдид ба минтақаи осиёи Марказӣ» ДДОТ ба номи С.Айнӣ бахшида ба 30-солгаии таъсиси кувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 феврали соли 2023. – С. 98-103.

14. Асламов Б.С., Ташрифзода Ф.Қ. Таъсис ва инкишофи низоми таълим ва тайёр намудани кадрҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ / Б.С. Асламов, Ф.Қ. Ташрифзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ДДОТ ба номи С.Айнӣ бахшида ба 115-солгаии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров. Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 23 декабри соли 2023. – С 197 -200.

15. Асламов Б.С., Ташрифзода Ф. Қ. Таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоили умуминазариявӣ ва амалӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик” / муратт.: н.и.т., дотс. С. П. Сайнаков. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2025. С. 114-120.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) таҳқиқоти илмии анҷом ёфта ҳисобида шуда, он ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) ба ҳимояи кушод дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА-093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 26 июни соли 2025 таҳти № 11 қабул гардид. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 22 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 22 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест. Қарори № 11 аз 26.06.2025 с.

Раиси ҷаласа,
мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики
ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои таърих,
дотсент **Сайнаков Сайнак Парпишоевич**

Котиби ҷаласа,
ассистент **Ёров Муҳаммадҷон Ҳабибуллоевич**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Телефон: (+992) 2241383
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj

Тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ **Абдукарим Мустафозода**

28.05.25с.